**Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2008 №399 тасдиқ шудааст**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ МАСТЧОҲИ ВИЛОЯТИ СУҒД БАРОИ СОЛҲОИ 2008-2015

**Ноҳияи Мастчоҳ**

**Мавқеи ҷойгиршавӣ:** вилояти Суғд, Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Таъсис дода шудааст:** соли 1956
**Масоҳат:** 4712 км²
**Аҳолӣ - ҳамагӣ:** 97,2 ҳазор нафар
**шаҳрӣ** 20 ҳазор нафар
**деҳот** 77,2 ҳазор нафар
**Зичии аҳолӣ:** 21 нафар дар 1 км²
**Маркази маъмурӣ:** шаҳраки Бӯстон
**Сарҳад:** аз шимол - Ҷумҳурии Ӯзбекистон
**Иқлим:** субтропикӣ, континенталӣ
**Боришот:** 150–400 мм дар як сол
**Захираҳои табиӣ:** тилло, қӯрғошим, сурма, санг, хок, шағал, рег

Масофаи байни ноҳияи Мастчоҳ ва шаҳри Хуҷанд- 56 км

Дар ноҳияи Мастчоҳ 4 Ҷамоати деҳот ва 3 Ҷамоати шаҳрак мавҷуд аст.

Дар ноҳия зиёда аз 3000 хоҷагиҳои деҳқонию ёрирасон, кооператив, фабрикаи мурғпарварӣ, заводи блокҳои силикатситӣ, 2 заводи пахтатозакунӣ, 5 пункти пахтақабулкунӣ, 3 заводи равған, заводи тракторсозӣ, 6 ташкилоти бинокорӣ, 145 нуқтаи савдо, 45 нуқтаҳои хӯроки умумӣ, 91 нуқтаи хизмати маишӣ, 48 мактаб, ЛКСК-35, коллеҷи кишоварзӣ, омӯзишгоҳи омӯзгорӣ, мактабҳои бачагонаи мусиқӣ, варзишӣ, 30 китобхона, 28 клуб, 12 чойхона фаъолият мебаранд.

Дар соли 2007 дар ноҳия 10079 тонна нахи пахта, 17299 тонна чигит, 262 тонна улюк, 190 тонна пух, 1465,4 тонна равған, 2603,5 тонна кунҷола, 2521,6 тонна пусти чигит (шелуха), 41,5 тонна риштаи пахтагин, 157,3 тонна матои нимбофт, 228,3 тонна нон ва маҳсулоти нонӣ, 6,6 ҳазор тонна ғалла, 28,7 ҳазор тонна пахта, 705 тонна картошка, 8,9 ҳазор тонна сабзавот, ва 17,6 ҳазор тонна маҳсулоти озуқавории полезӣ истеҳсол шудааст.

Дар ноҳия 31,8 ҳазор сар чорвои калон, аз он ҷумла 18,1 ҳазор сар модагов, 62,3 ҳазор сар гӯсфанду буз ва 96,4 ҳазор сар парранда вуҷуд дорад.

Дар ноҳия 9 корхонаи саноатӣ фаъолият мебаранд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия дар соли 2007 – 52,9 млн.сомониро ташкил намуд.

---

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2008-2015 (баъдан – Барнома) мувофиқи дастуру

супориши Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари кориашон ба вилоят дар моҳи июни соли 2007 ба шаҳру ноҳияҳои вилоят таҳия шудааст.

Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосии ноҳия, афзалият ва самтҳои умумии сиёсати ноҳияро муайян менамояд, ки ба ноил шудан ба рушди устувори иқтисодии ноҳия, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст.

Зиёдшавии қувваҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, сатҳи зиндагии мардум боло равад.

Дар ин самт баҳри ҳарчи бештар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия сол аз сол пастшавии сатҳи бекорӣ дар назар аст.

Баҳри ноил шудан ба ин мақсадҳо дар соҳаи саноати сабук солҳои наздик ба истифодадиҳии иқтидорҳои нав ба нақша гирифта шуда, иқтидорҳои амалкунанда дар ин соҳа ва соҳаи мошинасозӣ бо назардошти ҷалби сармояи дохилию ҳориҷӣ васеъ карда мешаванд. Ҷалби ҳарчи зиёди сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои мазкур буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми имкониятҳо истифода мегарданд.

Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2008-2015 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ мешавад ва дар зиёдшавии маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ асос мегузорад.

### 1. Мақсад ва вазифаҳои Барнома

Мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ ва истеҳсолӣ имконият фароҳам меорад, ки корхонаҳои нави саноатӣ дар самти коркарди ниҳоии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бунёдгардида, ба истифода дода шаванд. Дар ин замина ҷойҳои кории нав таъсис дода шуда, аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин мегардад ва сатҳи зиндагии мардум боло рафта, дараҷаи камбизоатӣ паст хоҳад шуд.

Барои амалӣ намудани ин ҳуҷҷати муҳим ва ба даст овардани нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ, татбиқ намудани вазифаҳои зерини стратегӣ, ки омилҳои муҳими рушди бонизоми иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд, ба миён гузошта шудаанд:

- ташкили корхонаҳои саноатии нав ва васеъ намудани иқтидорҳои мавҷудаи соҳаи саноати сабук, мошинасозӣ ва хусусан корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- тараққӣ додани соҳаҳои хизматрасонӣ;
- беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо;
- таъмини хуби системаи амалкунандаи ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорӣ;
- беҳтар намудани усулҳои тақсимоти захираҳои маҳдуд;
- баланд бардоштани сатҳи маънавӣ ва маълумотнокии аҳолӣ;

Нишондодҳои Барнома бо назардошти мақсадҳо, ҳудудҳо ва самтҳои асосии рушди иқтисодиёти кишвар таҳия ва тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015,

Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009 (рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ; рушди неърӯи инсонӣ), инчунин Барномаи давлатии инвеститсионӣ, грантҳо ва кӯмаки техникӣ барои солҳои 2007-2009 ва солҳои 2008-2010 ва дигар барномаҳои соҳавии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст.

Барнома баҳри амалӣ гардонидани сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шуда, асосан бо мақсади рушди мунтазами иқтисодии мамлакат аз рӯи ҳадафҳои зерин, ба кор дарории иқтидорҳои нави саноатӣ, кафолат додани даромади солонаи оилавии кифоя бо роҳи бунёди 1730 ҷойи нави корӣ аз ҳисоби ҳамаи шаклҳои фаъолият, аз худ намудани заминҳо бо тариқи обёрӣ намудани онҳо, паст гардидани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона карда шудааст.

**2. Буҷети ноҳия**

Дар соли 2007 ба буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 6450,8 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки ин 102,4 фоиз ё 152,4 ҳазор сомонӣ нисбати нақшаи солона зиёд мебошад.

Дар соли 2007 қисми хароҷот 8180,2 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбати нақша 101 фоиз мебошад.

**Иҷроиши буҷети ноҳияи Мастчоҳ дар солҳои 2006-2007**

(ҳазор сомонӣ)

| Рақами тартибӣ | Номгӯй | Соли 2006 | Соли 2007 |
|---|---|---|---|
| | **Қисми даромади буҷет** | | |
| 1. | Андози даромад аз шахсони воқеӣ | 405,3 | 1118,6 |
| 2. | Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 241,5 | 308,7 |
| 3. | Андоз аз арзиши иловашуда | 752,3 | 1094,2 |
| 4. | Андози замин | 151,5 | 200,0 |
| 5. | Андоз аз истифодабарандагони қаъри замин | 11,7 | 14,4 |
| 6. | Андоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард | 562,9 | 510,6 |
| 7. | Андоз тибқи низоми соддакардашуда | 31,1 | 44,4 |
| 8. | Андози ягона | 1196,8 | 1110,0 |
| 9. | Боҷи давлатӣ | 58,4 | 98,4 |
| 10. | Андози ҳадди ақал аз даромади корхона | 641,4 | 562,3 |
| 11. | Андоз аз амволи ғайриманкул | 142,6 | 160,9 |
| 12. | Андоз аз соҳибони воситаи нақлиёт | 113,3 | 249,5 |
| 13. | Андоз аз фурӯши чакана | 288,0 | 525,6 |
| 14. | Боҷ ва даромадҳои ғайриандози маҳаллӣ | 263.8 | 249,5 |
| 15. | Иҷозатнома барои фаъолияти тиҷоратӣ ва касбӣ | 63,5 | 103,6 |
| | Ҷамъи даромадҳо | 4924,1 | 6450,8 |
| | **Қисми хароҷоти буҷет** | | |
| 1. | Сектори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ | 295,5 | 478,6 |
| 2. | Мудофиа | 112,2 | 8,5 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3. | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 3,6 | 4,5 |
| 4. | Маориф | 3 772,8 | 5 793,1 |
| 5. | Тандурустӣ | 569,3 | 1 021,9 |
| 6. | Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 161,8 | 167,2 |
| 7. | Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 91,8 | 366,8 |
| 8. | Чорабиниҳои фарҳангӣ | 487,5 | 166,9 |
| 9. | Хоҷагии қишлоқ | 54,0 | 122,6 |
| 10. | Нақлиёт ва коммуникатсия | 9,0 | 50,1 |
| | Ҷамъи хароҷотҳо | 5 557,5 | 8 180,2 |

## 3. Сармоягузории дохилӣ.

Самти асосии фаъолияти сармоягузории дохилӣ, сохтмонҳои асосии ноҳия тибқи маводҳои пешниҳод намудаи идораи сохтмони асосии вилоят, сохторҳои соҳавии ноҳия ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба сохтмони иншооҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ равона карда мешавад. Зеро дар ҳақиқат дар ноҳияи Мастчоҳ таи солҳои охир бо назардошти зиёдшавии аҳолӣ зарурияти сохтмони мактабҳо, синфхонаҳои иловагӣ, иншоотҳои соҳаи тандурустӣ, фарҳанг ва биноҳои ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба миён омадааст.

Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ дар давраи солҳои 2008-2015 аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 102,8 млн. сомонӣ дар назар дошта шуда, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ – 56,9 млн. сомонӣ, буҷети маҳаллӣ – 7,6 млн. сомонӣ, маблағҳои худии корхонаю идораҳо – 33,6 млн. сомонӣ,  аз ҳисоби маблағҳои соҳибкорони инфиродӣ ва аҳолӣ – 4,7 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар ин давра фондҳои асосӣ дар ҳаҷми 97,7 млн. сомонӣ ба истифода дода мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки маблағҳои пешбинигардида ба сохтмон, барқарорсозӣ ва таъмири асосии иншоотҳои соҳаҳои энергетика ва саноат – 42,4 млн. сомонӣ, кишоварзӣ – 19,5 млн. сомонӣ, коммуналӣ – 18,9 млн. сомонӣ, манзили истиқоматӣ - 1,5 млн. сомонӣ, маориф – 8,4 млн. сомонӣ, тандурустӣ - 1,7 млн. сомонӣ, фарҳанг – 1,3 млн. сомонӣ, варзиш – 6,0 млн. сомонӣ ва дигар соҳаҳо – 3,1 млн. сомонӣ равона карда мешавад.

Дар ин замина таи солҳои 2008-2015 сохтмони 7- мактаб бо иқтидори 1860 ҷойи талаба ва сохтмони литсей дар шаҳраки Бӯстон барои 320 ҷойи талаба ба нақша гирифта шудааст.

Дар соҳаи тандурустӣ бошад сохтмони Маркази мубориза касалиҳои сил ва 7 хонаҳои саломатӣ дар ноҳия пешбинӣ шудааст.

Инчунин сохтмони хонаҳои истиқоматӣ бо иқтидори 228058 $м^2$ манзил дар назар дошта шудааст, ки аз он 227500 $м^2$ аз ҳисоби маблағҳои аҳолӣ мебошад.

## 4. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ.

Дар давраи иҷроиши Барнома дар солҳои 2008-2015 барои сохтмони иншоотҳо аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ 44,6 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар солҳои 2008-2015 ба соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия бо мақсади амалӣ намудани лоиҳаҳои муҳиме, ки ба пешрафти иқтисодиёти ноҳия такони бузург медиҳанд, ин корхонаи ресандагӣ бо иқтидори коркарди 5000 тонна нахи пахта дар як сол ба маблағи 22,6 млн. доллари ИМА (20,4 млн. сомонӣ маблағҳои худӣ), газификатсияи ноҳия ба маблағи 18,1 млн. доллари ИМА, омӯзиши самаранокии татбиқи амалии лоиҳаи сохтмони роҳи оҳан то майдончаи Комсомол, баъд аз омӯзиши пурра аз нав ба кор даровардани конҳои захираи тиллои ҳудуди ноҳия: Куруқсой, Олтин, Такели ва Тутлӣ низ яке аз вазифаҳое мебошанд, ки бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ баҳри рушди саноат бояд дар ин давра амалӣ гардад. Вазифаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар амалӣ намудани ин бахши Барнома аз таҷрибаи корхонаи муштараки Тоҷикистону Канада «Апрелевка» истифода намуда, дар асоси иҷозатномаи ҳуқуқи истифодаи қаъри замин ширкатҳои ватаниву хориҷӣ фаъолияташонро дар ин конҳо ба роҳ мондан аст.

Ҳамчунин азхудкунии заминҳои мавзеи Мирзоравот-Самғор дар масоҳати 1680 га ва сохтмони 7 пойгоҳи обкашӣ пешбинӣ гардидааст.

## 5. **Рушди соҳибкории хурду миёна**

Соҳаи дигаре, ки метавонад рушди бемайлон ва сатҳи сифати зиндагии аҳолии ноҳияро таъмин намояд, ин соҳаи тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи тиҷорати хурд захираи азими рушди ноҳияро ташкил медиҳад. Тиҷорати хурд дар чунин соҳаҳо, чун савдою маҳсулоттайёркунӣ ва фаъолияти омехта, хизматрасонии маишии аҳолӣ ва нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ нақши муҳим мебозад. Барои рушди ноҳия тараққӣ додан ва дастгирии соҳибкории дорои истеҳсолот муҳим мебошад.

*Монеаҳои рушди соҳибкории хурду миёна*

- нокифоя будани сармоя барои оғози фаъолият;
- паст будани қобилияти пардохтсозии аҳолӣ;
- миқдори ками технологияи дастрасгардида;
- нокифоягии иттилоот дар бораи ҳуқуқҳо ва вазифаҳои соҳибкорон;
- набудани иттилоот дар бораи истеҳсолкунандагони маҳсулоти рақобаткунанда ба бозорҳои истеъмолӣ.

Шаклҳои имконпазири дастгирӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия:

- кӯмакрасонии маъмурӣ дар кори ба қайдгирии шахсони ҳуқуқӣ, гирифтани иҷозатномаҳо (литсензияҳо), ҳаллу фасл намудан ва бартарафсозии дигар мушкилоти ташкилӣ;

- ташкил намудани маркази савдои ба таври самаранок фаъолияткунанда;
- содда намудани тартиби гирифтани иттилоотӣ зарурӣ дар бораи истеҳсол, истеъмол ва самаранокии шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ;
- ба тарзи ройгон тайёр намудани соҳибкорони оянда;
- васеъ намудани минтақаҳои истеҳсолоти хусусӣ ва хизматрасонӣ, аз ҳисоби кам кардани шумораи хоҷагиҳои давлатии деҳот;
- ташкил намудани сехҳои хӯчак оид ба таъмири техникаи маишӣ, компютерҳо ва дигар технологияи навтарин;
- ташкил намудани заводҳои кӯчак оид ба коркарди нахи пахта, ришта, пашм, қолин, шир, равған, шароб, сабзавот ва меваҳо;
- барпо намудани шароитҳо барои ҷобаҷойсозӣ, нигаҳдорӣ ва кашонидани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ғайраҳо.

Рушди ҳунарҳои анъанавӣ, инчунин метавонад дар беҳтар намудани вазъи иҷтимоиию иқтисодии ноҳия нақши бениҳоят калонро бозад.

***Ҳадафи Барнома*** дар соҳаи мазкур ба таври интенсивӣ таъмин сохтани инкишофи бахши саноат дар ноҳия мебошад.

Дар навбати аввал, тараққӣ додани он соҳаҳои саноат, ки ашёи хоми маҳаллиро истифода мебаранд, инчунин саноати хӯрокворӣ, коркарди маҳсулот, аз ҷумла дар заминаи барпо кардани шаклхои истеҳсолоти хурд зарур аст.

***Амалиёт.*** Дар давраи феълӣ барои самаранок истифодабарии потенсиали вуҷуддоштаи иқтисодии ноҳия чунин сиёсатро ба роҳ мондан лозим аст, ки он ба фаъолсозии рушди соҳибкории аҳолӣ барои намудҳои фаъолияти ғайри хоҷагии қишлоқ кӯмак расонида тавонад. Самти афзалиятнок бояд баланд бардоштани нақши саноат дар заминаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёна ба ҳисоб равад.

Яке аз механизмҳои дар фаъолият будаи рушди саноати ноҳия-ташкили намудҳои нави истеҳсолот ва эҳё сохтани ҳунармандӣ ва касбҳои анъанавӣ, ба аҳолӣ омӯзонидани ихтисосҳои саноатӣ мебошад.

Дар Барнома аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ сохтмону азнавсозии иншоотҳои истеҳсолию маиши ва мактаб ба маблағи 3394 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳамчунин сохтмони манзили шахсӣ аз ҳисоби маблағҳои аҳолӣ низ дар назар аст.

**5.1. Вазъи маблағгузории қарзӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна**

**Низоми бонкӣ ба васеъ кардани шабакаи бонкӣ ва рушди қарздиҳӣ, аз ҷумла маблағгузории хурд дар ноҳияи Мастчоҳ барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт аҳамияти ҷиддӣ дода истодааст.**

**Дар ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд филиалҳои бонкҳо, ташкилоти қарзии хурд ва оҷонсиҳои зерин ба қайд гирифта шуда, фаъолият карда истодаанд:**

- **Филиали ҶСК “Агроинвестбонк”;**
- **Филиали ҶСК “Ориёнбонк”;**

- **Филиали ҶСК “Соҳибкорбонк”;**
- **Шӯъбаи БДА ҶТ “Амонатбонк”;**
- **6 – Оҷонсии БДА ҶТ “Амонатбонк”;**
- **ҶСП ташкилоти қарзии хурди “Мададгори Мастчоҳ”.**

**Ба ғайр аз ташкилотҳои қарзии номбурда, ҶСП “БСТ ТИСТ Тоҷпромбонк” ва ташкилоти ФҚХ “МикроИнвест” дар ноҳияи Мастчоҳ филиал надошта бошанд ҳам, ба қарздиҳӣ ба соҳибкорону хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия машғул мебошанд.**

Ҷиҳати иҷрои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007, Бонки миллии Тоҷикистон ба бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ тавсия дод, ки дар соли 2007 ҳаҷми қарзҳои хурдро ба соҳибкорону хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои вилояти Суғд, хусусан ноҳияи Мастчоҳ ду баробар зиёд намоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон якҷоя бо бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ оиди масъалаҳои марбут ба қарздиҳии хурд тариқи васоити ахбори умум ва бо роҳи ташкили мунтазами сафарҳои корӣ ба минтақаҳо корҳои фаҳмондадиҳиро идома дода дар бораи таҳияи лоиҳаи “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2008-2015” чунин мешуморад, ки дар оянда низ тамоми кӯшишу ғайрати худро ба рушду нумӯъи соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва баланд бардоштани сатҳи камбизоатии мардум дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ, бахусус дар ноҳияи Мастчоҳ равон намуда оиди зиёд намудани бахшҳои бонкҳо, ташкилотҳо ва фондҳои қарзӣ ба харҷ дода истода, ҳаҷми маблағгузории хурдро дучанд зиёд менамояд.

**Дар натиҷа, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2007-ум ба ноҳияи Мастчоҳ ба маблағи 9,9 млн. сомонӣ қарзҳои хурд доданд, ки ин нисбат ба соли 2006 6,7 млн. сомонӣ ё 3,1 баробар зиёд аст. Маблағи умумии қарзҳои ба ноҳияи Мастчоҳ дар ин давра додашуда якҷоя бо қарзҳои хурд 44,6 млн. сомониро ташкил дод.**

**Мувофиқи пешбинии Бонки миллии Тоҷикистон барои дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ то соли 2015 бояд таъсиси филиалҳои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар қаламрави ноҳияи Мастчоҳ чунин ба нақша гирифта шудааст:**

- **ҶСК “Бонки Эсхата” – 1 филиал;**
- **ҶСП БСТ ТИСТ “Тоҷпромбонк” – 1 филиал;**
- **ҶСП “Бонки Рушди Тоҷикистон” – 1 филиал;**
- **ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” – 1 филиал;**
- **ФҚХ “МикроИнвест” – 1 филиал.**

**Дурнамои қарзҳои умумӣ, аз ҷумла қарзҳои хурди додашаванда ба соҳаҳои гуногуни ноҳияи Мастчоҳ барои давраи то соли 2015 дар ҷадвал нишон дода шудааст.**

**Дурнамои қарзҳои додашаванда ба ноҳияи Мастчоҳ**

**(ҳазор сомонӣ)**

| **Солҳои 2006-2015** | **Қарзҳои умумӣ** | аз он ҷумла: **Қарзҳои хурд** |
|---|---|---|
| 2006 (ҳақиқӣ) | | 3 141,7 |
| 2007 (ҳақиқӣ) | 44607,7 | 9893,6 |
| 2008 (нақша) | 22624,2 | 9910,1 |
| 2009 (нақша) | 29411,4 | 14865,1 |
| 2010 (нақша) | 38234,8 | 22297,7 |
| 2011 (нақша) | 49705,3 | 31216,8 |
| 2012 (нақша) | 64616,9 | 43703,5 |
| 2013 (нақша) | 84001,9 | 61184,8 |
| 2014 (нақша) | 109202,5 | 85658,8 |
| 2015 (нақша) | 141963,2 | 119922,3 |

**Бояд қайд намуд, ки бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар доираи имкониятҳои худ Дурнамои мазкурро татбиқ хоҳанд кард ва маблағгузориҳои қарзии ҳақиқӣ метавонанд аз маблағҳои ин Дурнамо кам ё зиёд шаванд. Инчунин бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ захираҳои қарзии худро асосан аз ҳисоби ҷалби амонатҳо (депозитҳо) ташкил медиҳанд, ки онҳо бештар кӯтоҳмуддат буда, бонкҳо барои онҳо фоизи бозорӣ пардохт менамоянд.**

## 6. Рушди соҳаи кишоварзӣ

**Ноҳияи Мастчоҳ аграрӣ буда, вазни қиёсии ин соҳа дар ҷамъи маҳсулоти умумии хоҷагии халқи ноҳия 80-85 фоизро ташкил медиҳад. Маҳсулоти асосии соҳаи кишоварзии ноҳия пахта буда, ҳар сол аз майдони умумӣ 70-75 фоиз ба кишти ин зироат банд мегардад. Ноҳия дорои 24,1 (дар истифода худи ноҳия) ҳазор гектар замини корам мебошад, ки аз он 22,5 ҳазор гектарашро замини обӣ ташкил медиҳад. Соҳаи кишоварзии ноҳия мувофиқан дар асоси санаду қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ аз соли 1997 дар заминаи 8-то хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва 3-то хоҷагиҳои давлатӣ ба ислоҳот ворид гардидааст.**

Айни ҳол, дар ноҳия 1 хоҷагии кооперативӣ (к-к Дашти Миёна), 740 хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз он 584 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 156 хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ташкил карда шудааст.

Ғайр аз ин, дар ноҳия 2 муассисаи давлатии кишоварзии дигар вазорату муассисаҳои ба ҳайати комплекси агросаноатӣ дохил набуда, амал менамоянд, ки ин коллеҷи кишоварзӣ ва литсейи аграрию техникӣ мебошанд. Инчунин дар ноҳия 13 хоҷагиҳои ёрирасони ташкилоту муассисаҳо фаъолият доранд.

Хоҷагиҳои ноҳия соли 2007 дар майдони 14,5 ҳазор гектар кишти пахта гузаронида, 28722 тонна пахта истеҳсол намуданд, ки нисбати соли

2006 ба андозаи 3166 тонна кам буда, ҳосилнокӣ  аз ҳар гектар 19,8 сентнерро ташкил дод.

**Фонди заминҳо дар ҳудуди марзи маъмурии ноҳия 102,9 ҳазор гектар мебошад ва  аз ин миқдор 29,4 ҳазор гектараш замини корам буда, 24,0 ҳазор га дар истифодаи худи ноҳия ва 5,2 ҳазор гектараш дар ихтиёри дигар ноҳияҳо барои истифода дода шудааст.**

Ҳангоми дуруст истифодабарии қоидаҳои агротехникӣ ва таъмини саривақтии маводҳои гардишӣ дар шароити заминҳои ноҳия имконияти рӯёнидани ҳосили 40 сентнер пахта мавҷуд аст. Ин таҷриба дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ истифода шуда, ҷамъоварии умумии пахта дар ноҳия то 56000 тонна расонида шуда буд.

Ғаллакорӣ яке аз масъалаҳои муҳим буда, зери назорати доимии Сарвари давлат қарор дорад, ки ба ин мақсад барномаи рушди соҳаи ғаллакорӣ қабул гардида, мувофиқи он хоҷагиҳои кишоварзӣ барои бо ғаллаи худӣ таъмин намудани аҳолӣ вазифадор гардида буданд. Ғайр аз он барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли сабзавот, меваҷот ва полезӣ барномаҳои давлатӣ қабул гардида, баҳри таъмини аҳолии кишвар бо сабзавоту меваҷоти тару тоза ва ба хориҷи кишвар содир намудани он вазифагузориҳо шуда буд, ки яке аз он барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2005-2010 мебошад. Мувофиқи он, давра ба давра то соли 2010 бояд 92 га боғҳои нав  бунёд гардида, 143 га боғҳои кӯҳна  барқарор гардад. Дар ин замина бояд то соли 2010 ҳаҷми истеҳсоли меваҷот ба 543 тонна, ҳаҷми истеҳсоли ангур ба 223 тонна расонида шавад.

Дар давраи то 1 январи соли 2008 дар ноҳия 31845 сар ҳайвони калони шохдор ва 62306 сар бузу гӯсфанд ба қайд гирифта шудааст. Мушкилоти хоҷагиҳои кишоварзӣ дар ин бахш нарасидани захираи хӯроки чорво барои нигоҳдории онҳо мебошад.

Дар ҳудуди ноҳия 35986 гектар чорогоҳ мавҷуд буда, аз он 7229 гектар чорогоҳҳои корхонаҳои кишоварзӣ, 8438 гектар захираи давлатӣ, 19341 гектар чорогоҳҳои дигар ноҳияҳо мебошад.

Аз майдони умумии чорогоҳи зикршуда танҳо 7229 гектар аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ мавриди истифода қарор гирифтаасту халос.

Барои татбиқи пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли махсулотҳои он дар доираи Барнома чунин самтҳои асосиро амалӣ намудан лозим аст:

- ташкил намудани боғу токзорҳо аз ҳисоби заминҳои бекорхобида бо ҷалби сармоягузории хориҷию дохилӣ. Ба ин мақсад бо усули қатрагӣ обёрӣ намудани боғҳои бунёдшаванда бомаврид буда, мисли обёрии кушод маблағҳои зиёдро талаб наменамояд;

- системаи объёрии ноҳияро бо воситаи ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ ва қисман маблағҳои имтиёзноки давлатӣ ба кулли тағйир дода (нав кардани пойгоҳҳои обкашии минтақаи «Дилварзин» ва «Янтоқ»), сохтани сарбанди оби алоҳида ва ба ин восита бартараф намудани мушкилоти обии байни ноҳияи Мастчоҳ ва дастгоҳҳои обгузари Ӯзбекистон;

- аз нав кардани иншоотҳои обрасонӣ ва қубурҳои обкашии пойгоҳҳое, ки фарсуда ва дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд;

- тоза намудани заҳбуру заҳкашҳои кушода ва пӯшида;

- барои минтақаҳои обнорас: қисмати охири мавзеъи канали ДМК-2, 3 ва ЯНС-3,4,5, хоҷагиҳои ба номи У. Хайём, Фирдавсӣ, Ю. Вафо ва Ч.Эргашев (бинобар нарасидани об як қисми заминҳои кишт аз ҳосил монданд) бо ҷалби сармояии ташкилотҳои башардӯстона ва ё қарзи имтиёзноки дарозмуддат, кофта ба истифода додани чоҳҳои артезианӣ ба роҳ монда мешавад;

- ба хоҷагиҳои кишоварзӣ додани карзҳои дарозмуддати имтиёзнок барои ворид намудани техника ва олотҳои кишоварзӣ, ё ин, ки ба тариқи лизинг ворид намудани техника;

- барои дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани техникаҳои кишоварзӣ, (дар вақташ таъмиру тармим намудани он) таъсис намудани агросервисҳо-нуктаҳои таъмиру хизматрасонӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва ё қарзи имтиёзноки дарозмуддат;

- дар заминаи корхонаҳои ёрирасони Селхозтехника, Селхозхимия, устохонаҳои таъмири техникаҳои собиқ ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ки солҳои охир аз фаъолият боз мондаанд ташкил намудани шакли нави корхонаҳои ёрирасон ба монанди МТС ё шаклҳои дигари хизматрасонӣ бо роҳи хусусигардонии иншоотҳои номбурда;

- ташкили хоҷагиҳои тухмипарварӣ дар базаи хоҷагиҳои деҳқонии алоҳидаи дорои шароити хуби мӯътадил дошта ва ҷорӣ намудани имтиёзҳо барои онҳо, аз ҷумла: қисман бо нуриҳои минералӣ ва дигар воситаҳои гардишӣ таъмин намудан, дар як вақт тухмиҳои истеҳсолшавандаро ба ихтиёри Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати ҷумҳурӣ вогузор намудан ва баланд бардоштани масъулияти роҳбарияти хоҷагиҳои деҳқонӣ барои кишти тухмиҳои баландсифат;

- то ба охир расонидани азхудкунии дашти Дилварзин. Дар доманакӯҳҳо ҷойгиркунонии аҳолӣ, тақсимоти чарогоҳҳо, заминҳои ёрирасон, бунёди майдонзорҳои писта, бодом ва дигар ниҳолҳои кӯҳӣ;

- муҳайё намудани шароит барои селексионерҳо ва вазифадор намудани онҳо барои ихтирои навъҳои нави пахтаи ба минтақа мутобиқбуда ва дигар зироатҳои кишоварзӣ, алалхусус ҷорӣ намудани кишти пахтаи навъи маҳиннах (зеро имрӯз дар ноҳия ғайр аз навъҳои пахтаи С-6530, Фарғона-3, дигар навҳои пахта кишт карда нашуда истодааст, ки мувофиқи хусусиятҳои технологияшон аз истеҳсолоти саноатӣ бароварда шудаанд ва ҳатто харидор надоранд);

- тайёр намудани мутахассисони баланди касбии соҳаҳои кишоварзӣ дар баъзаи мавҷудаи колеҷӣ кишоварзӣ ва литсеӣ касбии кишоварзии ноҳия, ки дорои потенсиали бойи омода намудани мутахассисони касбу кори гуногуни соҳаи кишоварзиро доранд, ба роҳ монда мешаванд;

- андешидани тадбирҳо нисбати дар оянда ба роҳ мондани маблағгузорӣ на ба воситаи сармоягузорон, балки ба воситаи бонкҳо ва дар маҳалҷойҳо таъсис додани шӯъбаҳои онҳо;

- минбаъд ҳал намудани муомилоти пули нақд ба истиснои музди меҳнат байни хоҷагиҳо ва бонкҳо;

- ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси талаботи бозори дохилӣ ва берунӣ;

- барои беҳдошт ва беҳтар кардани ҳолати чарогоҳҳо ҷудо намудани маблағҷудокунии давлатӣ аз ҳисоби андози чарогоҳ, ки замин истифодабарандагон пардохт менамоянд;

- азхудкунии ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳое, ки аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст.

Дар ноҳияи Мастчоҳ ҳамагӣ майдони умумии обии кишоварзӣ 22467 гектарро ташкил медиҳад. Тибқи кадастраи ҳисоботи ОВХ-1 заминҳои ҳолати мелиоративиаш қаноатбахш 19940 га, ғайриқаноатбахш 1117 га, шӯрнокиаш паст 3200 га, шӯрнокиаш миёна 428 га ва шӯрнокиаш баланд 16 га ба қайд гирифта шудааст.

Дар ноҳия 87,5 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ 52,8 км ва аз 242,2 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ 96,5 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд. Аз 163 адад чоҳҳои мелиоративии мавҷуда 64 адад бинобар набудани таҷҳизотҳо ва 64 адад аз ҳисобе, ки дар таъмиранд, кор намекунад. Дар ноҳия аз 173 адад чоҳҳои назоратӣ 151 адад дар ҳолати корӣ мебошанд.

Мутаассифона тӯли солҳои охир вобаста будани сарбанди оби ноҳия бинобар идора гардидани он аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон боиси танқисии об дар ин минтақа гашта, сабаби асосии кам гардидани ҳаҷми истеҳсоли пахта ва дигар зироатҳои кишоварзӣ гардидааст.

Проблемаҳое, ки ба онҳо истеҳсолкунандагони хоҷагии кишоварзии ноҳия вомехӯранд, аз инҳо иборат мебошанд:

- пояи вуҷуддоштаи моддию техникӣ дар ҳолати ҳузновар қарор дорад, техника бо сабаби набудани қисмҳои эҳтиётӣ ва равғанҳои молиданию сӯзишворӣ бекор меистад;

- таъмин набудани хоҷагиҳо бо тухмиҳои хушсифати зироатҳо, гаронии нархи тухмиҳо ва набудани навъҳои нави минтақабоб;

- маданияти пасти парваришу истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар хоҷагиҳои деҳқонии аз нав ташкил кардашуда;

- системаи киштгардон амалан истифода бурда намешавад;

- бодхӯрӣ, вайроншавии заминҳои киштшаванда ва паст шудани ҳосилнокӣ;

- кори номӯътадили пойгоҳҳои обкашӣ, бинобар таъмин набудан бо қисмҳои эҳтиётӣ;

- шабакаи обтақсимкунӣ аз кор баромада, камсамара мебошад;

- нархҳои паст барои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва нархҳои баланд- барои захираҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ;

- имкониятҳои ғайрикифояи гирифтани қарзҳо;

- кам будани заминҳои шудгоршаванда, захираҳои обӣ ва ғайраҳо;

- аз истеҳсолот дур мондани қисми асосии мутахассисони соҳибтаҷриба, бинобар набудани ҷойи кор ва ночиз будани музди меҳнат.

Ташкилёбии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ноҳия ба таври мураккаб сурат мегирад. Бисёр хаҷагиҳои дастаҷамъӣ зараровар ва ё камдаромад мебошад. Яке аз сабабҳои чунин вазъият номукаммалии қарордодҳои пештар басташудаи фючерӣ мебошад, ки қарзи хоҷагиҳои пахтакор дар назди сармоягузорон 26 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

## 7. Рушди соҳаи саноат ва энергетика

Дар ноҳия 9 корхонаи саноатӣ фаъолият мебаранд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия дар соли 2007 – 52,9 млн.сомониро ташкил намуд. Соли 2010 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба 71,8 млн. сомонӣ мерасад, ки ин нисбати соли 2006 135,7 фоиз ва соли 2015 ба 86,5 млн. сомонӣ ё 120,5 фоиз нисбати соли 2010 афзоиш меёбад.

Иқтидорҳои мавҷудаи коркарди пахта ва истеҳсоли равған дар ноҳия имконият медиҳанд, ки пахтаи хоми истеҳсолшаванда ва чигити он бо пуррагӣ коркард карда шаванд.

Бо мақсади дар ноҳия зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолии маҳаллӣ дар доираи Барнома бунёди корхонаҳои саноатӣ дар назар дошта шудааст. Дар ин замина ширкати сармоягузории ҶСПШСМ «Олими Каримзод-М» тасмим гирифтааст, ки дар соли 2008 корхонаи ресмонресиро бо иқтидори коркарди 5 ҳазор тонна нахи пахта дар як сол сохта ба истифода диҳад. Ба истифода додани корхонаи мазкур имконият медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия соли 2008 ба маблағи 4,0 млн. сомонӣ, соли 2009 ба 16,0 млн. сомонӣ, соли 2010 ба 17,5 млн. сомонӣ ва соли 2015 ба 25 млн. сомонӣ боло равад. Аз ин ҳисоб сафи кормандони соҳа дар марҳилаи аввал 300 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин гардида, то соли 2015 бошад ин теъдод ба 700 нафар хоҳад расид.

Барои сохтмони корхона дар соли 2008 ба маблағи 22,6 млн. доллари ИМА бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва 20,4 млн. сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои худии Ширкати мазкур дар назар аст.

Ҳамчунин дар корхона то соли 2010 сохтмони коргоҳи кешбофӣ, рангубор ва корхонаи нассоҷӣ низ дар назар дошта шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома дар навбати аввал ба рушди соҳаҳои саноате, ки ашёи хоми маҳаллиро истифода мебаранд равона шудааст.

***Проблемаҳои асосие, ки дар ин соҳа садди роҳ шудаанд, аз инҳо иборат мебошанд:***

- набудани захираҳои лозимии молиявӣ барои гузаронидани таъмир ва азнавсозии истеҳсолот;

- дастнорас будани захираҳои қарзӣ бо сабаби фоизи баланд, кӯтоҳмӯҳлат ва баланд будани талаботи кафолат;

- ҳаҷми ғайрикифояи сармоягузории бевосита;

- сатҳи пасти менеҷмент, набудани системаи ҳозиразамони маркетингӣ;

- ҷорисозӣ аз рӯи меъёри қатъии истифодабарии неърӯи барқ, тез-тез хомӯшсозӣ ва нарасидани ин захира;

-нархҳои баланд барои нерӯи барқ;

-таҷҳизоти аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ кӯҳнашуда.

### 7.1. Барқ

Соҳаи таъминот бо қувваи барқ дар ноҳия солҳои охир беҳбудиро металабад. Дар ин самт бояд шабакаҳои барқӣ барқарор гардида, маҳаллаҳои навро бояд бо барқ таъмин намуд. Муттасадиёни соҳаро зарур аст, ки маблағи ҷамъоварии қувваи барқро аз аҳолӣ дуруст ба роҳ монда, таъминоти техникии объектҳои барқтаъминкуниро мунтазам зери назорат гиранд.

Дар соҳаи таъминоти барқ дар ноҳия бояд корҳои зерин анҷом дода шавад:

- барқарорсозии шабакаҳои барқии 0,4 кВ – 175 км;
- барқарорсозии шабакаҳои барқии 6-10 кВ – 82 км;
- сохтмони хати интиқоли барқии дузанҷираи 110 кВт аз зеристгоҳи «КНС-2» то зеристгоҳи «Дилварзин» ва «Янтоқ» -70 км.

## 8. Рушди соҳаҳои хоҷагии роҳ, нақлиёт ва алоқа

### 8.1. Хоҷагии роҳ

Дар ҳудуди ноҳия 151,5 км роҳҳои автомобилгард мавҷуданд, ки аз он 30,7 км роҳҳои тобеъияти ҷумҳуриявӣ ва 120,8 км роҳҳои таъиноти маҳаллӣ мебошанд, ки 48,1 км мумфарш карда шудааст.

Мушкилоти асосӣ дар ин самт таъмири 240 км. роҳҳои дохилиноҳиявӣ мебошад ва буҷаи маҳаллӣ имконияти таъмири онро надорад. Дар ин самт лоиҳаҳои инвеститсионӣ таҳия карда шуда ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷиро ба роҳ мондан лозим аст.

Дар солҳои наздик амалӣ намудани чунин корҳо ба аҳамияти калон дорост:

- пешгирӣ намудани раванди номатлуби паст шудани сифати роҳҳои маҳаллӣ ва беҳ намудани ҳолати истифодаи онҳо бо воситаи таъмир;
- ба таври кифоя маблағгузорӣ дар бобати таъмирсозӣ ва хизматрасонии шабакаи мавҷудаи роҳҳо таъмин карда шавад.

### 8.2. Нақлиёт

Дар ноҳияи Мастчоҳ як корхонаи нақлиётӣ фаъолият дорад.

ҶСП «Бӯстон-Транспромсервис» баъд аз харидани аксияҳои «Корхонаи худтаъминкунии нақлиётии Бӯстон» фаъолияти нақлиётро дар ноҳия бурда истодааст. Имрӯз дар корхона 10 адад автобусҳои худи ҷамъият ва 108 адад микроавтобусҳои соҳибкорон фаъолият доранд.

Мутобиқи Барнома дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 ҳаҷми гардиши бор 40 фоиз, ҳаҷми кашонидани мусофирон ва гардиши мусофиркашонӣ 45 фоиз афзоиш меёбад.

### 8.3. Алоқаи барқӣ

Соҳаи алоқаи ноҳия дар расонидани хизмати алоқаи барқӣ, аз қабили хизмати алоқаи телефонии байнишаҳрӣ ва байналмиллалӣ, хизмати алоқаи телеграфӣ (барқия), хизмати алоқаи телефонии шаҳрӣ ва деҳот, радиошунавонӣ ва дастрас ба хизматрасонии «Интернет» асос ёфтааст. Дар ноҳия 4 истгоҳи телефонии автоматикӣ бо ғунҷоиши васлӣ 2790 ва ғунҷоиши истифодашаванда 1239 рақам хизматрасонии алоқаи барқиро ба аҳолӣ пешниҳод менамояд, аз ҷумла як истгоҳи телефонии рақамии ноҳиявӣ ва 3 истгоҳи телефонии аналогии деҳотӣ. Дар маркази ноҳия соли 2005 истгоҳи телефонии аналогӣ ба рақамӣ иваз гардид,ки сабаби афзоиши муштариён гардид.

Агар соли 2005 шумораи муштариёни телефон 996 ададро ташкил намуда бошад, пас он охири соли 2006 ба 1065 адад расид. Даромаднокӣ нисбат ба соли 2005 46 фоиз ё 53446 сомонӣ зиёд гардид. Аммо бо дастрас намудани дастгоҳи нав арзиши хӯрдашавии воситаҳои асосӣ баланд шуда, боиси зиёд шудани хароҷотҳои истеҳсолӣ гардид. Барои ҳамин ҳам фаъолияти соҳа мувофиқи нақшаи тиҷоратӣ дар 3 соли охир зараровар пешбинӣ гардидааст.

Оид ба хизматрасонии алоқаи телефонии деҳот ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки имрӯз мувофиқи барномаи рушди соҳаи коммуникатсия пешбинӣ шудааст, ки аз соли 2007 сар карда, алоқаи бесими телефонӣ ба роҳ монда шавад. Муштариёни алоқаи телефонии бесим дар деҳот то соли 2015 ба 5500 адад расонида мешавад, шабакаи «Интернет» бошад ба 200 адад расонида шуда, ҳаҷми хизматрасонӣ то соли 2015 ба андозаи 2 маротиба меафзояд.

Ҳадафи Барнома дар соҳаҳои мазкури комплекси хоҷагии халқи ноҳия, ин рушд ва такмилдиҳии шабакаи роҳҳо ва иншоотҳои алоқа, ба ин тариқ баланд бардории сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт ва алоқа мебошад.

Барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳои гузошташуда амалӣ намудани чунин корҳо зарур аст:

- сиёсати ягонаи рушди роҳҳои маҳаллӣ кор карда баромада шавад;
- нақши бахши хусусӣ дар хизматрасонии тамоми намудҳои нақлиёти автомобилӣ баланд бардошта шавад;
- паҳн намудани хизматрасонии алоқа дар хоҷагиҳои дурдаст таъмин карда шавад;
- инфраструктурае, ки ба соҳаи нақлиёт ва алоқа хизмат мерасонад, барқарор ва барпо карда шавад;
- азнавсозии шабакаи роҳҳои вуҷуддошта ба амал баровада шавад;
- сифати хизматрасонӣ беҳтар ва намудҳои он зиёд карда шавад.

## 9. Таҳлили бозори истеъмолӣ

Дар солҳои охир тамоюли устувори афзоиши савдои чакана ва хизматрасонии пулакӣ ба назар мерасад, ки яке аз манбаҳои бой гаштани буҷаи маҳаллӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳаҷми гардиши моли чакана ва ҳаҷми хизматрасонии пулакии ноҳия дар соли 2007 мутаносибан 29,8 млн. сомонӣ ва 6,7 млн. сомониро ташкил намуд.

Дар ин самт бояд кайд намуд, ки баъд аз ба истифода додани роҳи Душанбе–Айни-Ҳуҷанд–Бӯстон-Чаноқ ҳаҷми гирдгардиши моли чакана ва хизматрасонии пулакӣ якбора рӯ ба афзоиш мениҳад. Гирдгардиши моли чакана бо нархҳои амалкунанда дар соли 2008 ба 33,8 млн. сомонӣ, соли 2009 ба 37,2 млн. сомонӣ, соли 2010 ба 40,9 млн. сомонӣ ва соли 2015 ба 67,6 млн. сомонӣ расиданаш дар назар дошта шудааст, ки имконият медиҳад, ҷойҳои иловагии корӣ ташкил гардида, сатҳи камбизоатӣ қадре ҳам бошад паст карда шавад.

Афзоиши гардиши моли чакана ва хизматрасонии пулакӣ дар ноҳия метавонад дар давраи аввал ба омили рушди соҳибкории тиҷоратӣ мубаддал гардида, барои пайдошавӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ шароит ба вуҷуд оварад.

Ҳадафи асосии Барнома дар ин соҳа – рушди ҳамаҷонибаи соҳаи савдо ва хизматрасонӣ, инчунин таъмини имконияти дастрас намудани молҳо ва хизматрасониҳо дар ҷои истиқомат мебошад.

## 10. Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ: маориф, тандурустӣ ва фарҳанг

### 10.1. Соҳаи маориф

Омӯзиши вазъи муассисаҳои таълимии ноҳияи Мастчоҳ нишон медиҳад, ки ҳоло дар миқёси ноҳия 15 адад мактабҳои асосӣ, 30 адад мактабҳои миёна ва 2 адад литсей фаъолият намуда, дар онҳо ҳамагӣ 22248 нафар хонандагон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Дар ноҳия мактаби ғоибона бо теъдоди 319 нафар ғоибхонҳо дар 4 нуктаҳои таълимӣ – машваратӣ (мактаби №17, 25, 29 ва бинои мактаби ғоибона) фаъолият доранд.

Инчунин 10 адад муассисаҳои томактабӣ бо шумораи 580 нафар кӯдакони синни то 7 сола мавҷуданд, ки 4 тои он дар миқёси шаҳракҳо ва 6 -тои он дар миқёси ҷамоату деҳот ҷойгир шудаанд. Шумораи омӯзгорон дар соли хониши 2006-2007 1457 нафарро ташкил намуда, 843 нафар (57,8 фоиз) дорои маълумоти олӣ, 120 нафар (8,2 фоиз) маълумоти олии нопурра, 478 нафар (32,8 фоиз) маълумоти миёнаи махсус ва 16 нафар (1,1 фоиз) маълумоти миёна фаъолият менамоянд.

Барномаи рушди соҳаи маорифи ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2008-2015 дар асоси моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009 роҳҳои амалӣ гардонидани сиёсати давлатро дар соҳаи маориф муайян намуда, дар инкишофи системаи идоракунӣ, маблағгузорӣ, таъмиру сохтмон ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос замина мегузорад.

Дар доираи Барнома барои рушди соҳаи маориф аз ҳисоби ҳамаи манбаҳо 8,4 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Проблемаҳое, ки сади роҳи рушди соҳа гардиданд аз инҳо иборат аст:

- аксарияти мактабҳо таъмири асосиро талаб менамоянд;
- аз ҷиҳати моддӣ таҷҳизоти синфхонаҳо кӯҳна гардидааст ва ё умуман вуҷуд надорад;

- аудио – видиотехника ва компютерҳо дида намешавад;

- утоқҳои фанҳои физика, химия, биология ва дигарҳо таҷҳизоти махсус надоранд;

- бо сабаби музди пасти меҳнат, мутахассисони маълумотдор кор кардан намехоҳанд;

- арзиши китобҳои дарсӣ барои оилаҳои қашшоқ дастрас намебошад;

- бисёрии волидайн кӯдакони хешро бо сару либос, пойафзол, асбобҳои мактабӣ таъмин карда наметавонанд;

- як қисми хонандагон маҷбур мешаванд, ки тамоми тобистон ва тирамоҳ кор кунанд ва бинобар ин ба мактаб намераванд, яъне ба корҳои саҳроӣ ҷалб намудани хонандагон аз ҳисоби дарс;

- дар мактабҳо кормандони доимии тиббӣ дида намешаванд;

- бо дониши сусти мактабӣ хонандагон имконият надоранд, ки ба мактабҳои олӣ дохил шаванд;

- суст будани алоқаи мактаб ва оила.

**Амалиёт.** Талаботи рушди иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсат ва фарҳангии ноҳия ба сатҳи сифатан нав баланд бардоштани таҳсилотро талаб мекунад, ки ба кӯдакон ва ҷавонон имконияти ба ояндаи хеш боварӣ доштанро медода бошад.

Баҳри амалисозии принсипи дастраси умум будани таҳсил, баланд бардоштани сифати он тибқи талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, амалӣ сохтани мутобиққунонии хатмкунандагони мактабҳо ба шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ, баланд бардории сатҳи қобилиятнокӣ ва ҷавобгӯю рақобат будан ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии миёна ва олии таҳсилоти касбӣ таъмин намудани иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- омодасозии ҳаматарафаи хонандагон ва рушди таълимии равиявӣ дар синфҳои болоӣ;

- барпо сохтани шаклҳои ба осонӣ тағйирпазирии таҳсилоти мактабӣ, иловагӣ, ибтидоии касбӣ, ривоҷ додани марказҳои ба таҳсил фарогирӣ то мактабҳои олӣ;

- ҷалбсозии маблағгузориҳои хусусӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин маблағҳои ба тариқи грант аз мададрасонҳо ва созмонҳои байналхалқӣ гирифташаванда баҳри рушди маориф;

- давра ба давра ташкил намудани шабакаи ягонаи телекоммуникатсионӣ барои қонеъ гардонидани талаботи таълими фосилавӣ, коммуникатсия ва иттилоот;

- ташкил намудани марказҳои захиравӣ баҳри баланд бардоштани ихтисоси касбии омӯзгорон;

- ташкил кардани барномаҳои гуногунсатҳу гуногуннамуди таҳсилоти ибтидоӣ, ки ба хонандагон барои мутобиқатсозӣ ба шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ имконият медиҳад;

- тараққӣ додани муассисаҳои таълимии навҷуёна;

- ба таври нисбатан пурратар таъмин намудани талаботи муассисаҳои таълимии ноҳия бо кадрҳои баландихтисос.

Маблағгузории давлатии системаи маориф бояд ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна равона карда шавад. Сохтмон ва таъмири мактабҳо, азнавсозии онҳо аҳамияти аввалиндараҷа пайдо менамоянд. Ҷорисозии механизми аз рӯи меъёр ва ба ҳар сар талаба маблағгузорӣ намудани мактабҳои таҳсилоти умумӣ, дар ҳаҷми талаботи стандартии таҳсил, системаи шӯроҳои парасторон ба муассисаҳои таълимӣ, воридшавии захираҳои иловагиро таъмин месозад ва назорати ҷамъиятиро аз болои фаъолияти маъмурияти онҳо пурзӯр менамояд.

Ҳадафи Барнома дар ин соҳа – баландбардории сифати таҳсилот ва дастрас будани таъмини маълумоти асосии ҳамагонӣ мебошад.

Дар ноҳия барои тайёр намудани кадрҳои дорои маълумоти миёнаи касбӣ ва маълумоти ибтидоии касбӣ потенсиали бойи таълимӣ дар базаи се муассисаи таълимӣ мавҷуд аст;

- МДТ «Коллеҷи кишоварзии Мастчоҳ»;
- Литсейи касбии кишоварзӣ;
- Омӯзишгоҳи педагогӣ.

**10.2. Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи кишоварзии Мастчоҳ»**

Аввалин таълимгоҳи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Хуҷанд соли 1928 бо номи «Техникуми хоҷагии деҳот» таъсис ёфтааст ва имрӯз ҳамчун муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи кишоварзии Мастчоҳ» арзи вуҷуд дорад.

Нақша ва барномаҳо бо нақшаю барномаҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон мувофиқа карда шудаанд. Дар робитаи 15 сола дар ДАТ зиёда аз 200 нафар хатмкунандагони коллеҷ таҳсили худро идома дода истодаанд. Зиёда аз 10 нафар хатмкардагони коллеҷ ба ҳайси устод имрӯзҳо дар ДАТ дарс мегӯянд. Робитаҳо бо ДАТ густариш ёфта истодаанд, ки барои пешрафти кори комплекси агросаноатии ноҳия саҳми беандоза хоҳад гузошт.

Мушкилоти соҳа:

- муҷаҳҳаз набудани коллеҷ бо таҷҳизоти ҳозиразамон;
- паст будани савияи дониши муттахассисони соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла мутахассиони соҳаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани савияи дониши онҳо дар натиҷаи такмили ихтисос дар назди кафедраи «Технологияи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ»-и Филиали Хуҷандии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;
- ҳолати бади таъмири биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои коллеҷ;
- пурра ба кор даровардани лабораторияи коркарди аввалини пахта;
- бартараф намудани обҳои зеризаминӣ дар ҳудуди коллеҷ;
- таъмин намудани коллеҷ бо автомашина ва мошинаҳои кишоварзии ҳозиразамон;
- муҷаҳҳаз намудани ошхонаи омӯзишгоҳи омӯзгорӣ барои 100 нафар донишҷӯён;

## 10.3. Литсейи касбии кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ

Бо мақсади таъмин намудани ноҳияи Мастчоҳ бо кадрҳои механизаторию ронандагӣ бо қарори Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти №196 соли 1960 Омӯзишгоҳи касбӣ техникии №35 ташкил ёфтааст. Соли 1979 «Омӯзишгоҳи беҳтарини деҳоти СССР» дониста шудааст. Ҳамаи ин дастовардҳо дар натиҷаи доро будани омӯзишгоҳ бо базаи мустаҳкам ва кадрҳои болаёқати омузгорӣ – муҳандисӣ ба даст омадааст.

Бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятноки литсейҳои касбӣ бо фармони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2004 таҳти № 78 Литсейи касбии №35 ҳамчун Литсейи касбии кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ номгузорӣ карда шудааст.

Имрӯз литсей аз рӯи панҷ ихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мутахассис тайёр намуда истодааст.

Маъмурият тасмим гирифтааст, ки дар соли хониши 2007–2008 хонандагонро аз рӯи ихтисосҳои нав: ҳисобдор–хазиначӣ (бо омӯхтани асосҳои компютер), челонгари автомобил, кафшергари газию барқӣ, рассом–ороишгар қабул намояд. Солҳои охир қабули хонандагон ба литсей зиёд шуда истодааст. Аз ин рӯ маъмуриятро лозим аст, ки пеш аз ҳама базаи моддӣ – техникӣ пурзӯр карда шуда, кабинетҳои таълимӣ бо аёниятҳо ва таҷҳизотҳои замонавӣ хуб ҷиҳозонида шаванд, ки ба ҳамаи ин вазъи молиявии литсей, ки аз буҷаи ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешавад, даст намедиҳад.

Аз ин лиҳоз, ба литсей дастгирии молиявии Вазорати маорифи ҷумҳурӣ ва мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва вилоят хеле зарур мебошад.

Техникаҳое, ки дар литсей мавҷуданд, аз сабаби солҳои тӯлони истифода шуданашон корношоям гаштаанд.

Бинои таълимии №2-и литсей, кабинетҳои таълимӣ ва лабораторияҳое, ки соли 1964 бунёд ёфтаанд, хеле кӯҳнаю таъмирталаб шудаанд, ки литсей имконияти таъмири ин биноҳоро надорад.

## 10.4. Соҳаи тандурустӣ

Рушди соҳаи тандурустии ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2008-2015 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», нақшаи татбиқи Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2002, № 94), «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ дар давраи то соли 2010» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.11.2002, № 436), Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар бахши тандурустӣ таҳия шуда, роҳҳои амалӣ гардонидани сиёсати давлатро дар соҳаи тандурустии ноҳия муайян менамояд.

***Вазъи соҳа ва мушкилоти асосӣ***

Дар ноҳия 19 муассисаҳои тиббӣ фаъолият доранд. Дар соли 2007 дар муассисаҳои соҳаи тиббӣ ҳамагӣ – 524 нафар аз ҷумла, духтурон - 143 (27,3%), кормандони миёнаи тиббӣ - 381 нафар (72,7%) фаъолият доранд. Талабот ба духтурон 83 нафар ва ба кормандони миёнаи тиббӣ 118

нафарро ташкил медиҳад. Ба 10000 нафар аҳолӣ 22 духтурон ва 50 нафар кормандони миёнаи тиб рост меояд. Аз 143 нафар духтурон 3 нафарашон номзади илмҳои тиб буда 20 нафар дорои дараҷаи тахасуссии олӣ, 16 нафар тахасусси дараҷаи якум ва 9 нафар тахасусси дараҷаи дуюм мебошанд. Аз 381 нафар кормандони миёнаи тиб 150 нафарашон дорои дараҷаи тахассусӣ мебошанд, аз он ҷумла 30 нафар дорои дараҷаи олӣ, 71 нафар дараҷаи якум ва 49 нафар дараҷаи дуюм.

**Мушкилоти асосӣ ин нарасидани мутахассисони соҳа ва инчунин хароб гаштани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои тиббии ноҳия мебошад, ки дар баъзе аз деҳотҳои ноҳия норасоии муассисаҳои тиббӣ камбудии рӯзмарра шудааст.**

***Кӯмаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ.* Дар нуқтаҳои аҳолинишини ҷамоати деҳоти Оббурдон: Фирдавси-2 (Навобод), Ю. Вафо (Навобод), Ф. Султонов-2 (Ферегат) хонаҳои саломатӣ вуҷуд надоранд. Бо сабаби аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷудо накардани биноҳои зарурӣ хонаҳои саломатии «Зарафшон» дар ҷамоати Мастчоҳ, «Умматӣ» дар ҷамоати Авзикент, «Ҷавонӣ», дар ҷамоати Палдорак дар хонаҳои шахсӣ ҷойгир шуда, фаъолият бурда истодаанд, ки ба ягон талаботҳои меъёрию санитарӣ ҷавобгӯй нестанд.**

**Дар доираи Барнома сохтмони хонаҳои саломатӣ дар ҷамоатҳои номбурда то соли 2015 дар назар дошта шудааст.**

*Роҳҳои асосии рушди соҳа дар асоси афзалиятҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009 муайян карда шудааст:*

- баланд бардоштани самараи низоми идора ва истифодаи захираҳои давлатии молиявӣ, инчунин маблағҳои дар барномаҳои мақсаднок оид ба мубориза бар зидди бемории сил, гепатити В, тропикӣ, СПИД, касалии қанд, бемориҳои онкологӣ, инчунин барномаҳое, ки ба дастгирии модару кӯдак равона карда шуданд;
- инкишофи афзалиятнок ва баланд бардоштани сифати ёрии аввалияи тиббию санитарӣ, ки ба принсипҳои тиббии оилавӣ асос ёфтааст;
- баланд бардоштани сифати расонидани кӯмаки аввалияи тиббию санитарие, ки барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосии онҳо нигаронида шудааст;
- пешгирии сабабҳои асосии фавти кӯдакону модарон ва пурзӯр намудани чорабиниҳо оид ба татбиқи барномаҳои пешгирии камхунӣ, ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, модарии бехатар, солимии репродуктивӣ ва танзими оила;
- гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонон дар масъалаҳои солимии репродуктивӣ ва танзими оила;
- таблиғи тарзи ҳаёти солим ва паҳн намудани иттилоот дар бораи пешгирии бемориҳо, ғизои солиму қобили қабул ва беҳтар тавассути воситаҳои ахбори умум ва кормандони тиб;

- рушди барномаҳои маърифатӣ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ;

Дар Барнома барои сохтмони муассисаҳои соҳаи тандурустии ноҳия то соли 2015 аз ҳисоби буҷети давлатӣ 1060 ҳазор сомонӣ маблағ дар назар дошта шудааст.

*Ҳадафи* Барнома дар ин соҳа – рушди минбаъдаи шабакаи муассисаҳои тандурустӣ ва мукаммалсозии кори пешниҳодсозии ёрии аввалияи тиббию санитарӣ мебошад. Инчунин ташкили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва шароитҳои ташкилию иқтисодӣ барои баланд бардоштани сифату самараи хизматрасонии тиббӣ ва беҳтар кардани таъминоти соҳаи тандурустии ноҳия бо мутахассисон.

***Баҳодиҳии хароҷотҳои молиявӣ***

Дар ноҳия сохтмони Маркази муборизаи зидди касалиҳои сил ва 7 хонаҳои саломатӣ пешбинӣ гардидааст, ки ҳаҷми маблағҳои ба ин мақсад равонагардидашаванда 1060 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Таҳлили вазъи соҳаи тандурустӣ собит намуд, ки дар ноҳия 8-адад муассисаҳои тандурустӣ, аз ҷумла беморхонаи марказии ноҳия, маркази саломатии ноҳия, маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳия, маркази саломатии шаҳраки Қуруқсой, маркази саломатии ҷамоати деҳотҳои Палдорак, Ф.Султонов, Оббурдон ва Мастчоҳ зарурати таъмири асосӣ дошта, ҳаҷми маблағҳои зарурӣ 607 ҳазор сомониро ташкил медиҳанд.

Талабот барои таъмири ҷории муассисаҳои тандурустӣ дар солҳои 2008—2015 452 ҳазор сомониро тақозо менамоянд, ки он аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ хоҳад шуд.

## 10.5. Соҳаи фарҳанг

Соҳаи фарҳанги ноҳия мувофиқи ҷамъбасти соли 2007 дорои 18-клуб, 17-китобхонаҳои оммавӣ, театри халқӣ ва мактаби мусиқӣ бо 180 нафар хонандагон мавҷуд аст.

Вазъи умумии муассисаҳои фарҳангӣ ғайриқаноатбахш буда, кулли иншоотҳо таи солҳои охир таъмирро надидаанд. Ба муассисаҳои фарҳанг таҷҳизотҳои соҳавӣ намерасанд. Китобхонаҳои ноҳия таъмирталаб буда, ба адабиётҳои тозанашр ниёз доранд. Аҳолӣ аз хизматрасонии китобхонаҳо баҳраманд нест.

Барои рушди соҳаи фарҳанг дар ноҳия андешидани тадбирҳои зерин зарур аст:

- гузаронидани таъмир ва азнавсозии иншоотҳои фарҳангӣ ва китобхонаҳои ноҳиявӣ;
- эҳё намудани озмунҳои анъанавии гурӯҳҳои худфаъолияти бадеӣ;
- ташкил кардани маркази фарҳанги халқӣ;
- ташкил намудани фестивалҳои мавзӯъӣ.

Дар доираи Барнома соли 2009 дар ҷамоати деҳоти Палдорак сохтмони Маркази ҷавонон пешбинӣ гардидааст.

## *10.6. Ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ*

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва шуғл яке аз ҳадафҳои асосии ҳуҷҷатҳои муҳими давлати ба монанди Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 мебошад. Таҳлилҳои ин соҳа дар ноҳия собит намуданд, ки музди миёнаи меҳнат дар соли 2007 94,5 сомониро ташкил дод.

Шумораи аҳолии ноҳияи Мастчоҳ дар соли 2007 97,2 ҳазор нафар ва аз рӯи баҳодиҳии соли 2008 98,2 ҳазор нафар хоҳад расид, ки аз ин 56,6 ҳазор нафар захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳанд. Аҳолии дар иқтисодиёт фаъол 34,0 ҳазор нафар, аз он ҷумла ашхоси мақоми бекоридошта 0,8 ҳазор нафар мебошад.

Аҳолии ноҳияи Мастчоҳ 1,4 фоизи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши миёнаи солона бошад 1,5 фоизро ташкил медиҳад. Айни ҳол 20,0 ҳазор нафар ё 20,6 фоиз дар шаҳрак ва 77,2 ҳазор нафар ё 79,4 фоиз дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Аз шумораи умумии аҳолии ноҳия 49,4 ҳазор нафар мардон ва 47,8 ҳазор нафарро занон ташкил медиҳад.

Афзоиши шумораи аҳолии ноҳияи Мастчоҳ дар соли 2010 – 101,3 ҳазор нафар ва соли 2015 – 108,9 ҳазор нафар пешбинӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома дар ин бахш таъмин намудани аҳолии ноҳия бо ҷои корӣ мебошад. Ба ин мақсад дар доираи Барнома аз ҳисоби ҳамагуна шаклҳои фаъолият то соли 2015 1730 ҷойи кории нав дар назар дошта шудааст, аз ҷумла, дар соҳаи саноат аз ҳисоби сохтмони нав 700 ҷой, таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда 1030 ҷой таъсис дода хоҳад шуд.

Бо мақсади рушди иҷтимоии ноҳия ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар доираи Барнома вазифаҳои зеринро ҳал намудан зарур аст:

- барпо намудани шароитҳо барои гурӯҳҳои фаъоли одамони камбизоат оид ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ба воситаи додани қарзҳои хурд ва расонидани ёрии байниҳамдигарӣ;
- ташкил кардани марказҳои иттилоотию маслиҳатдиҳӣ, марказҳои тиҷоратӣ, бирҷаҳои меҳнатии ҷавонон;
- ташкил кардан ва тараққӣ додани инкубаторҳои тиҷоратӣ баҳри ташкили омӯзишӣ, гирифтани фоида, худмашғулсозӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, тараққӣ додани корхонаҳои хурд;
- омӯзонидани ҷавонон аз рӯи ихтисосҳое, ки дар бозори меҳнат талабгор доранд, ташкил намудани омӯзиши курсӣ ва бозомӯзии аҳолии калонсоли бекорбуда;
- гузаронидани ислоҳоти муносибатҳои меҳнатӣ.
- дастгирии ташаббусҳои чавонон дар ташкили корҳои фарди-меҳнатӣ ва соҳибкорӣ;
- амалӣ намудани чораҳо нисбати тарбияи ҳуқуқии ҷавонон;
- васеъ намудани доираи фаъолияти марказҳои иҷтимоӣ-соҳибкорӣ;
- ҷалб намудан ба корҳои ҷамъиятӣ.

## 11. Фазои иттилоотӣ

Ноҳияи Мастчоҳ аз ду ҷониб кӯҳҳо ва аз як тараф ҳамворӣ дорад. Тарафи кӯҳҳо самти Тоҷикистон буда, дар ҳамворӣ бо Ӯзбекистон (144 км) ҳамсарҳад мебошад. Аз тарафи кӯҳҳо ҷониби ноҳия на мавҷи радио мегузарду на телевизион.

Аз тарафи ҳамвории Ӯзбекистон 7 мавҷи телевизиони ӯзбекӣ ва чандин радиои хориҷӣ мегузарад. Дар фазои ноҳия танҳо як барномаи шабакаи аввали Тоҷикистон нишон дода мешавад. Дигар барномаҳои телевизиони тоҷикӣ мавҷуд нест. Яъне фазои иттилоотии ноҳия бисёр холӣ мебошад.

Барои пурра намудани фазои холи бо барномаҳои тоҷикӣ дар ноҳия соли-2000 ТВ «Мастчоҳ» ташкил карда шуд. Ҳамчунин радиои «Садои Дилварзин» низ амал мекард. Ҳоло бинобар суст шудани иқтидори мавҷпахшкунаки ТВ «Мастчоҳ» барномаҳои ТВ маҳаллиро аз аҳолии 7 деҳот танҳо аҳолии 3 деҳот тамошо мекунанд. Бинобар ноқисиҳои техникӣ, кӯҳна шудани таҷҳизотҳо, радиои маҳаллӣ аз фаъолият мондааст. Аз ин рӯ барои ба мардум сари вакт расонидани иттилоот бояд чорабиниҳои зерин амалӣ гарданд:

1. Давоми солҳои 2008 - 2009 барои пахши канали якум таҷдиди техникӣ гузаронида, мавҷпахшнкунаки УТСА-500 м дастрас намудан лозим аст, ки маблағи лоиҳавии он 26 000 сомониро ташкил медиҳад.

2. Давоми солҳои 2009-2010 дар ноҳия пахши радиои маҳаллии мавҷиро ташкил намудан лозим аст, ки маблағи лоиҳавии он 34 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

**Таъминот бо оби нӯшокӣ**

Сатҳи таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳия ғайри қаноатбахш арзёбӣ гардида, об аз нуқтаи назари тиббӣ ғайриистеъмолӣ баҳо дода шудааст. Бинобар ин, дар ин самт бояд тамоми имконият ва шароитро фароҳам оварда, бо назардошти сармоягузории дохиливу хориҷӣ аз манбаъҳои оби чашмасори доманакӯҳҳо, ки хело шаффоф ва аз ҷиҳати экологиву тиббӣ тоза буда дар гирду атрофи ноҳия зиёданд, истифода намоем.

Аксарияти чоҳҳои оби нӯшокӣ корношоям гардида, дар баъзе маҳаллаҳо зарурияти кофтани чоҳҳо ба миён омадааст. Умуман дар ҳудуди ноҳия бояд 210 км хати оби нӯшокӣ сохтмон ва азнавсозӣ гардад. Инчунин 84 адад чоҳҳои обкашӣ бояд таъмир ва тармим гарданд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006, № 514 «Дар бораи тасдиқи Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020» сохтмони шабакаи шоҳроҳи оби нӯшокии Хуҷанд-Мастчоҳ, аз ҷумла ноҳияи Мастчоҳ ба маблағи умумии 11,3 млн. сомонӣ (сармоягузориҳои хориҷӣ - 3267 ҳазор доллари ИМА) ва хати оби нӯшокии шаҳраки Бӯстон ва Қуруқсойи ноҳияи Мастчоҳ дар ҳаҷми 3,5 млн. сомонӣ (сармоягузориҳои хориҷӣ- 2392,8 ҳазор доллари ИМА) пешбинӣ гардидааст. Фармоишгарони ин иншоотҳо Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҷумҳурӣ ва КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» буда, маблағгузории иншоотҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ,

маблағҳои худи хоҷагиҳо ва сармоягузорони хориҷӣ дар назар дошта шудааст.

Проблемаи асосии таъмини аҳолии ҷамоатҳо бо оби ошомиданӣ, ки дар доираи Барнома амалӣ бояд шавад аз инҳо иборат аст:

- дар ҷамоати Такалӣ зарур аст, ки барои таъмири хати оби нӯшокӣ 10 000 метр қубурҳои андозаи садӣ дастрас кардан лозим аст;

- дар ҷамоати Палдорак кофтани чоҳи оби нӯшокӣ бо таҷҳизоташ, аз нав барқароркунии хати оби нӯшокӣ ва кашидани хати оби нӯшокии нав зарурият дошта, маҳаллаи нав низ ба таъминоти об ниёз дорад;

- дар ҷамоати Мастчоҳ маҳаллаи ҷавонии «Сомониён» кашидани хати об ба масофаи 5 км зарурият дошта, чоҳи обкашии маҳаллаи поёнии «Зарафшон»-и Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ «Зарафшон»-ро бояд барқарор намуд. Дар посёлкаи Ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонии (АХД) «Зарафшон» хати оби нӯшокӣ ба масофаи 7 км кашида шуда, хати оби нӯшокии майдончаи «Комсомол» ба масофаи 5 км кашида мешавад. Дар маҳаллаи «Селхозтехника» чоҳи оби нӯшокӣ бояд таъмир гардад;

- дар ҷамоати шаҳраки Бӯстон аз сабаби аз кор баромадан зарурияти иваз намудани хати канализатсия ба масофаи 15 км ва партовтозакунаки КУ-200, инчунин сохтмони иншоотҳои тозакунанда ба миён омадааст. Қубурҳои обгузари хиёбони С. Шарифов таъмирталаб буда, зарурияти иваз намудани онҳо ба миқдори 2000 метр қубури полиэталинии Д-100 пайдо гардидааст. Базаи истеҳсолии муассисаи оби нӯшокӣ низ таъмир талаб мебошад. Дар ҷамоати Қуруқсой таъмири стансияҳои обкашӣ бояд ба роҳ монда шуда, қубурҳои обгузаронӣ аз стансияи обкашӣ то кӯчаҳои шаҳрак бояд аз таъмир бароварда шаванд.

## 13. Баҳодиҳии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2008-2015

Амалӣ гардонидани иҷрои нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ, ки дар Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия барои солҳои 2008-2015 омадааст, марҳилаи муҳими ноил гаштани ноҳия ба пешравиҳо дар ҳамаи соҳаҳои хочагии халқ буда, имконияти дар ин давра ҳарчи бештар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, паст намудани сатҳи камбизоатиро фароҳам меоварад.

Ҳангоми амалигардии чорабиниҳои дар Барнома пешбинигардида нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳия сол аз сол афзоиш меёбанд.

Мувофиқи таҳлилҳо аҳолии ноҳия бо чунин суръати миёнаи афзоиш дар соли 2010 ба 101,3 ҳазор нафар мерасад, ки нисбати соли 2006 5,7 ҳазор нафар ё худ 6 фоиз зиёд мебошад ва дар соли 2015 ба 108,9 ҳазор нафар расиданаш чашмдошт шудааст, ки нисбати соли 2010 7,6 ҳазор нафар зиёд буда 107,5 фоизро ташкил медиҳад.

Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2015 – 1,5 маротиба назар ба соли 2006 афзуда, 139,2 млн. сомониро ташкил менамояд.

Дар ин давра яъне солҳои 2008-2015 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия сол аз сол зиёд гардида бо назардошти ба истифодадиҳии иқтидорҳои нав дар соли 2010 ба нархҳои солҳои дахлдор ба 71,7 млн. сомонӣ баробар мегардад, ки нисбати соли 2006 26,8 млн. сомонӣ ё 1,6 маротиба зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар соли 2015 ба 86,4 млн. сомонӣ расонида мешавад, ки нисбати соли 2010 20,5 фоиз зиёд мебошад.

Аз иҷроиши нишондиҳандаҳо бармеояд, ки ҳаҷми пахтаи коркардашуда дар ноҳия соли 2010 ба 10414 тонна ва соли 2015 ба 10673 тонна расонида хоҳад шуд. Истеҳсоли равған дар ин давра аз 1465,4 тонна соли 2008 то ба 1520 тонна дар соли 2010 ва 1528,5 ҳазор тонна дар соли 2015 расонида хоҳад шуд.

Истеҳсоли риштаи пахтагин бошад дар ҳолати ба истифода додани корхонаи ресмонресӣ аз 1020,5 тонна соли 2008 то ба 3725,0 тонна дар соли 2010 ё 3,6 маротибаи соли 2008 ва то ба 3930 тонна дар соли 2015 хоҳад расид.

Амалигардии нишондихандаҳои рушди гардиши савдои чакана ва хизматрасонии пулакӣ бо дарназардошти дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна, зиёдшавии маблағҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки аз дигар давлатҳо ба ноҳия меоянд, баистифодадиҳии роҳи Хуҷанд–Бӯстон-Чанок̣ зиёдшавии ҳаҷми гирдгардии моли чакана оварда мерасонад.

Ин нишондиҳанда мувофиқи таҳлилҳо дар соли 2010 бо нархҳои солҳои дахлдор ба 40,9 млн. сомонӣ расонида мешавад, ки нисбати соли 2006   1,6 маротиба зиёд мебошад. Дар соли 2015 бошад ҳаҷми он аллакай ба 67,6 млн. сомонӣ баробар мешавад, ки нисбати соли 2010 1,6 маротиба зиёд аст.

Ҳангоми амалӣ гардидани чорабиниҳои дар боло қайд гардида ҳаҷми боркашонӣ дар соли 2010 нисбати соли 2006 38 маротиба меафзояд. Инчунин ҳаҷми мусофиркашонӣ дар соли 2010-1456 ҳазор мусофир ва соли 2015 ба 1567 ҳазор мусофир мерасад.

Дар натиҷаи амалӣ намудани тадбирҳо оид ба ташкили ҷойхои корӣ ва ба кор таъмин намудани аҳолии ноҳия дар давраи амали Барнома 1730 нафар ба кор таъмин мегарданд.

Татбиқи Барномаи мазкур имкон медиҳад, ки иҷрои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таъмин гардида, ноҳия ба пешрафти куллӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ ноил гардад.

## 14. Мониторинг ва арзёбӣ

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ноҳияи Мастчоҳ тараққиёти соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии ноҳияро мониторинг хоҳад кард. Ҳангоми тайёр намудани Барномаи мазкур таҷриба нишон дод, ки ҷамъоварии маълумотҳои амиқ дар бисёр ҳолатҳо хеле душвор аст. Мутаассифона, дарёфт намудани рақамҳои дақиқ оиди индикаторҳо ва гузаронидани мониторинг аз болои вазъият хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии

вилояти Суғд ва ноҳияи Мастчоҳ барои дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор дар гузаронидани мониторинги иҷрои Барномаи мазкур саҳмгузор шуда метавонанд.

Натиҷаҳои таҳлил ва арзёбӣ дар шакли ҳисоботи ҳарсола оид ба ҷараёни татбиқи Барнома ҷамъбаст карда мешавад, ки таҳлили проблемаҳои мавҷуда, пешниҳодҳои оид ба тасҳеҳи он самтҳои сиёсат, ки таҳлил зарурати онро тақозо менамояд, инчунин пешниҳодҳо оид ба паҳн намудани таҷрибаи мусбиро дар бар мегирад. Ин ҳисобот бояд дар мӯҳлате фароҳам гардад, ки имкон медиҳад иттилооти дар он мавҷуда ҳангоми таҳияи буҷетҳои ҳарсолаи давлатӣ истифода бурда шавад.

Системаи ҳисоботдиҳӣ оид ба натиҷаҳои татбиқи барномаи мазкур ба тариқи зайл сурат мегирад: вазорату идораҳои масъул ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вилояти Суғд ва ноҳияи Мастчоҳ ҳисоботи маҷмӯиро оид ба иҷрои Барнома тибқи нишондиҳандаҳо ҳар семоҳа ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати муайяншйда пешниҳод менамоянд.

## 15. Самтҳои афзалиятноки рушд

***Афзалиятҳо***

- бахши саноатӣ, чун сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ ва буҷа заминаи рушди ноҳия мебошад. Вазифаи асосии маъмурияти ноҳия аз таъмини шароитҳои мусоид барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, рушди бахши иҷтимоию иқтисодӣ ва инфраструктура иборат мебошад;
- соҳибкории хурд ва миёна бояд дар оянда лакомотиви рушди иқтисодиёти ноҳия гардад. Пешбинӣ мешавад, ки ин бахш ҳарчи бештар дар соҳаи коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, дар рушди нақлиёт, алоқа ва телекомуникатсия, инчунин дар рушди сохтмон ва соҳаи хизматрасонӣ моҳияти бештар пайдо мекунад;
- сохтмони заводҳои хурд оид ба коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, сеххо оид ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ;
- рушди соҳаи хизматрасонӣ, хӯроки умумӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ, афзоиш, шуғл ва даромади буҷа, баробарсозии даромадҳои аҳолӣ. Ин ба барпо сохтани шароитҳо баҳри зиндагӣ, дар мувофиқат ба ин ба ноҳия ҷалб намудан ва нигоҳ доштани кадрҳои ихтисосноки коргарӣ, аз ҷиҳати маблағгузорӣ баланд бардоштани диққатҷалбкунандагии ноҳия. Таъмин сохтани шароитҳо баҳри рушди босуръати ноҳия, яъне барпо сохтани инфраструктураи ба хизматрасонӣ мувофиқаткунанда, ки ин ба афзоиши шуғли аҳолӣ, қавигардонии пояи андозбандиҳо, баланд бардоштани потенсиали инвеститсионӣ мусоидаткунанда.

Кор карда баромадан ва паҳн сохтани буклети рекламавӣ дар бораи имкониятҳои потенсиалии ноҳия низ ба расонидани иттилоот дар бораи ноҳия мусоидат хоҳад намуд ва омили ҷалб сохтани инвесторҳои хориҷӣ хоҳад гашт.

Ғайр аз ин, ба кор андохтани як қатор лоиҳаи инвеститсионӣ, ки метавонад ба ҷалбсозии инвесторҳо ба иқтисодиёти ноҳия кӯмак расонанд, барои ноҳия аз ҳад зиёд муҳим мебошад.

**16. Лоиҳаи инвеститсионии ба маблағгузорӣ ниёздошта**

| | |
|---|---|
| Номи лоиҳа: | Сохтмони комбинати масолеҳи сохтмонӣ дар ноҳияи Мастчоҳ. |
| Бахш: | Саноати сохтмон. |
| Ҳадафи лоиҳа: | **Ҳадафи асосии лоиҳа – таъмин намудани аҳолии ноҳияи Мастчоҳ, вилояти Суғд ва дигар минтақаҳои шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масолеҳи сохтмонӣ.** |
| Замина ва асосноксозии лоиҳа: | Ҳангоми дар амал татбиқ намудани лоиҳаи мазкур аҳолиии ноҳия бо масолеҳи сохтмонӣ таъмин карда шуда, соҳаи саноат ва масолеҳи сохтмонии ноҳия ва ҷумҳурӣ мунтазам тараққӣ меёбад. Дар айни ҳол, аҳолӣ ва ташкилотҳои сохтмонӣ ба проблемаҳои нарасидани масолеҳи сохтмонӣ дучор шуда истодаанд. Ғайр аз он ҷойҳои нави корӣ ва музди маоши мувофиқ ташкил карда мешавад. Дар ҳолати татбиқи лоиҳаи мазкур дараҷаи иҷроиши лоиҳаҳои сохтмонии минтақаи мазкур тадриҷан баланд мегардад. |
| Шарҳи лоиҳа: | Сохтмони иншоотҳои зерин:<br><br>1. Заводи сементбарорӣ, бо иқтидори 50 ҳазор тонна семент дар як сол.<br>2. Сехи коркарди оҳаксанг, бо иқтидори 5000 тонна дар як сол.<br>3. Сехи истеҳсоли аглопорид, бо иқтидори 10000 $м^3$ дар як сол.<br>4. Сехи истеҳсоли гаҷ, бо иқтидори 10000 тонна дар як сол.<br>5. Сехи истеҳсоли конструксияҳои оҳану бетонӣ, бо иқтидори 3000 $м^3$ дар як сол.<br>6. Заводи хиштбарорӣ, бо иқтидори 3 млн.дона дар як сол;<br>7. Сехи коркарди чӯбу тахта, бо иқтидори 2000 $м^3$ дар як сол.<br>8. Сехи истеҳсоли плиткаҳои ороишӣ, бо иқтидори 10000 $м^3$ дар як сол.<br>9. Сехи истеҳсоли пластика, бо иқтидори 5000 $м^2$ дар як сол.<br>10. Сехи истеҳсоли шифер, бо иқтидори 30000 дона дар як сол.<br>11. Сехи истеҳсоли шиша, бо иқтидори 5000 $м^2$ дар як сол.<br>12. Сехи истеҳсоли блокҳои силикатӣ, бо иқтидори 15000 $м^3$ дар як сол.<br>13. Сехи коркарди плитаҳои мармарӣ, бо иқтидори 5000 $м^3$ дар як сол.<br>14. Сехи истеҳсоли маводҳои рангуборкунӣ, бо иқтидори |

| | |
|---|---|
| | 1000 тн дар як сол. |
| Натиҷаҳои ба дастоянда: | Ба ҳолати дар амал татбиқ гардидани лоиҳаи мазкур аҳолии ноҳия ба ҷойҳои нави корӣ таъмин карда шуда ва сохтмони иншоотҳои соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳо вусъат меёбад. |